**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор**

**_____________Ибодуллозода А. И.**

**«28» июни 2025**

**Хулосаи**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Диссертатсияи Зубайдуллоев Саидҷон Хайруллоевич дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D020301. – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти № 4/5.4 аз 30 марти соли 2016 тасдиқ гардида, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики донишгоҳи номбурда иҷро гардидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Зубайдуллоев Саидҷон Хайруллоевич ҳамчун докторанти PhD ва ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи С. Айнӣ фаъолият мекард. Имтиҳонҳои маҷмуии докторантураро пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи докторантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ супоридааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Пирумшоев Ҳ. таъйин гардидааст.

Диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷик аз 26-уми июни соли 2025 муҳокима

гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи **«Қубодиён дар асри XX - ибтидои асри** XXI » чунин хулоса қабул карда шуд:

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Зубайдуллоев Саидҷон Хайруллоевич мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020301–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст. Ҳамзамон, тартиб додани нақша ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, саҳми шахсии муаллифро инъикос менамоянд.

Диссертатсия аз муқаддима, чаҳор боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад.

Пуррагии маълумоти .диссертатсия дар маводҳои нашршуда таҷассум ёфтааст. Қисмҳои алоҳидаи кори таҳқиқотӣ дар маърӯзаҳои илмии довталаб дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ баён шуда, ҳамчунин дар мақолаҳои илмии дисертант солҳои 2016-2024 навишта шуда, аз чоп баромаданд, инъикос ёфтаанд.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 11 мақолаи зерини нашрнамудаи муаллиф, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, инъикос ёфтааст.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Зубайдуллоев С.Х. Вазъи ҳунармандӣ дар бекигарии Қубодиён / Зубайдуллоев С.Х. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – №3/8. Душанбе, 2016. С. 89–93.

[2-М]. Зубайдуллоев С.Х. Дигаргунсозиҳо дар солҳои 20 – уми асри XX дар ноҳияи Қубодиён / Зубайдуллоев С.Х. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №3/3. Душанбе, – 2017. – С. 81–84.

[3-М]. Зубайдуллоев С.Х. Ислоҳоти замин ва коллективонии хоҷагии қишлоқ дар ноҳияи Қубодиён (дар солҳои 30–40–уми асри XX) / Зубайдуллоев С.Х. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – №2. Душанбе, 2018. – С. 49–51.

[4-М]. Зубайдуллоев С.Х. Рушди чорводорӣ дар ноҳияи Қубодиён (дар солҳои 30–60–уми асри XX) / Зубайдуллоев С.Х. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №3/1. Душанбе, 2018. – С. 93–98.

[5-М]. Зубайдуллоев С.Х. Рушди маорифи ноҳияи Қубодиён (дар солҳои 30–40–уми асри XX ) / Зубайдуллоев С.Х. // Муаррих. №3 (19) Душанбе, 2019. – С. 47- 54.

[6-М]. Пирумшоев Ҳ., Зубайдуллоев С.Х. Рушди маорифи ноҳияи Қубодиён дар давраи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ / Пирумшоев Ҳ., Зубайдуллоев С.Х. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 5. Душанбе, 2023. – С. 73–80.

**Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табъ расида:**

[1-М]. Зубайдуллоев С.Х. Нигоҳе ба ҳаёти Мирзо Ҳайити Саҳбо – адиби кубодиёнӣ / Зубайдуллоев С.Х. // Муҳаққиқ. Маҷаллаи илмӣ – омӯзишии муҳаққиқи ҷавони ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ таҳти рақами №16 Душанбе, 2017. – С. 74–77.

[2-М]. Зубайдуллоев С.Х. Барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ дар ноҳияи Қубодиён ва мубориза бар зидди ҳаракати босмачигарӣ / Зубайдуллоев С.Х. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Босмачиён дар таърих: нигоҳи нав ба ҳаводиси куҳан». ДОТ дар н. Рашт, 2019.– С.119–129.

[3-М]. Зубайдуллоев С.Х. Инъикоси раванди барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ ва рафти мубориза бар зидди босмачигарӣ дар Қубодиён дар таҳқиқоти Мулло Эркаев / Зубайдуллоев С.Х. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ». (ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 28-уми ноябри соли 2020). Душанбе, 2021.– С.94-107.

[4-М]. Зубайдуллоев С.Х. Дастовардҳои кишоварзии ноҳияи Қубодиён дар 30-соли истиқлол (1991-2021) / Зубайдуллоев С.Х. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Истиқлоли давлатӣ: марҳилаи тақдирсоз дар сарнавишти халқи тоҷик» (ДДОТ ба номи С. Айнӣ 4 сентябри соли 2021). Душанбе, 2021.– С.335–352.

[5-М]. Зубайдуллоев С.Х. Вазъи саноати ноҳияи Қубодиён дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зубайдуллоев С.Х. // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он» (ДДХ ба номи М Назаршоев 13-14-уми июни соли 2023). Хоруғ, 2023 – С.121-126.

Диссертатсияи Зубайдуллоев Саидҷон Хайруллоевич «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI» дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷик баррасӣ гардида, дар муҳокимаи он аъзоёни кафедра, докторони илмҳои таърих, профессорон А. Ҳақназаров, А. Ҳусайнов, номзадони илм, дотсентон М. Шарипов, Ғ. Гадоев, С.П. Сайнаков, М. Ганҷакова, С. Ғуломшоев, муаллимони калону докторантҳои кафедра, инчунин

намояндагони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ, н.и.т., И. Неъматов ва н.и.т, М. Акрамов ва роҳбари илмии докторант доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ. Пирумшоев иштирок доштанд.

***Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи навбатӣ қабул карда шуд:***

Диссертатсияи Зубайдуллоев Саидҷон Хайруллоевич дар таърихнигории тоҷик нахустин таҳқиқоти муфассал доир ба «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI» ба шумор рафта, мавзуъ аз ҷониби муаллиф бо фарогирии сарчашмаҳо, маводҳои бойгонии ҷумҳурӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии худи диссертант ва таҳқиқоти олимони намоёни соҳаи илми таърих мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои илмӣ пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи С. Зубайдуллоев хулосаҳои зерин пешниҳод шуданд:

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Зубайдуллоев Саидҷон Хайруллоевич дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD, аз рӯи ихтисоси 6D020301. – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) таҳқиқоти илмии анҷом ёфта ҳисобида шуда, он ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи Зубайдуллоев Саидҷон Хайруллоевич дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI», барои дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020301.–таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба ҳимояи кушод дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва

мардумшиносии ба номи Аҳмади дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 26-уми июни соли 2025 таҳти №11 қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 16 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест.

Мудири кафедраи
таърихи халқи тоҷики ДДОТ
ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои таърих,
дотсент Сайнаков С. П.

Котиби ҷаласа, Сиддиқов А. Б.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: (+992) 2241383. Почтаи электронӣ:
info.tgpu.tj

Тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

28.06.2025